**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар мавзуи “Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Кори диссертатсионии Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ масъалаҳои муҳими илмҳои сиёсии муосирро фаро гирифта, дар ҳалли проблемаҳои мухталифи ҷавонон ҳамчун умумияти бузурги иҷтимоӣ ва умуман, низоми рушди ҷомеа нақши муассир мебозад. Таҳқиқоти соҳаи мазкур аҳаммияти барҷастаи илмию назариявӣ ва сиёсию амалиро касб менамояд. Зеро татбиқи муваффақонаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мустақиман ба муассирияти идоракунии сиёсии ҷомеа таъсир мерасонад ва онро дигаргун месозад. Бинобар ин, аз дидгоҳи назариявию методологӣ таҳия, қабул ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон зарур буда, баландшавии самаранокии идоракунии ҷомеаи Тоҷикистонро таъмин намуда, ҳамчунин ба рушди мутаносиби он таъсири мусбат мерасонад ва ҳамин тавр, омили муҳими ҳалли масъалаҳо ва мушкилиҳои раванди идоракунӣ мегардад. Чунин сатҳи муносибатҳо эътимоди дутарафаи байни ҳокимият ва ҷомеаи маданиро, ки рушди ҷомеа ва ташаббускории ҳар як шахсро ба сифати иштирокчии раванди идоракунии иҷтимоию сиёсӣ таъмин менамояд, тақвият мебахшад.

Дар давраҳои аввали инкишоф Ҷумҳурии Тоҷикистон замони гузариши сиёсиро аз бар менамуд. Яъне, гузариш аз ҷомеаи советӣ ба ҷомеаи дигар, ки дар заминаи арзишҳои либералӣ инкишоф меёбад шуруъ намуд. Чунин ҳолат махсусиятҳои инкишофи худро дошт. Зеро давраи советии инкишоф, ки қонуниятҳои хоссаи худро дошт, яку якбора ҷояшро ба низоми нави муносибатҳо дода наметавонист. Аз ин ҷост, ки анъана, расму одатҳои замони советӣ дер боз масъалаҳои инкишофи

ҷомеаи нави Тоҷикистонро ҳамроҳӣ менамуданд. Муносибат ба ҷавонон, дарки масъалаҳои инкишоф, низоми идора ва инчунин сотсиализатсияи онҳо низ чунин хусусиятҳоро дар худ таҷассум менамуданд.

Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон вобаста ба давраи инкишоф ва таъсиррасониҳои идеологӣ равиши хосаеро пайдо намуда, аз он муваффақона истифода менамуданд. Аммо дар шароити ҳозира вазъият ва воқеияти сиёсӣ кулан дигар буда, сатҳи дигари муносибатҳо ва ҳалли масъалаҳоро талаб менамояд. Давраи гузариши сиёсӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимияти сиёсӣ ва шаҳрвандон, муносибати идоракунандагон ва идорашавандагонро самти дигар бахшида, зарурат ба ташаккул ва инкишофи нави муносибатҳои давлат ва ниҳодҳои давлатиро бо умумиятҳои иҷтимоӣ талаб менамояд.

Зарурати таҳияи чунин сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, ки бо мақоми нави сиёсии давлат, фарҳанги сиёсӣ ва миллии ташаккулёфтаи шаҳрвандони он муносиб ва мувофиқ бошад, ба баланд бардоштани муассирияти ҳокимияти сиёсии давлати Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи муосири демократӣ мусоидат менамояд.

Дар масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар шароити кишварҳои гуногун таҳқиқотҳои зиёде анҷом ёфтаанд, ки онҳо воқеияти ҷамъиятиро вобаста ба макон ва замон инъикос менамоянд. Таълимот ва доктринаҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф эҷод гардидаанд, ки дар бештари мавридҳо ба ҳалли масъалаҳо ёрӣ мерасонанд.

Новобаста аз он ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон - сиёсатшиносон ба мавзуи ташаккул ва такмили сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон меафзояд, дар ин соҳа ҳанӯз бисёр масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ҷой доранд, ки таҳлил ва хулосагириҳои илмию назариявӣ ва амалиро талаб доранд. Дар шароити Тоҷикистон низ рӯовариҳо ба масъалаҳои ҷавонон афзоиш ёфта, тадриҷан хосияти муттасил пайдо менамоянд. Худи

масъалаҳои рушди сиёсии Тоҷикистон чунин заруратро ба миён меорад. Рисолаи диссертатсионии Д.Д. Аҳмадзода низ яке аз таҳқиқотҳои мазкур аст, ки бо мақсади таҳияи сиёсати самаранок дар бораи ҷавонон ва дарёфти ҳалли онҳо таҳия гардида, паҳлуҳои гуногуни раванди мазкурро мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад.

Дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсия муаллиф асарҳои намояндагони мактабҳои гуногуни илмиро дар бораи ҷавонон, технологияҳои сиёсӣ, назария ва амалияи дарки масъалаҳои марбути умумияти иҷтимоиро бо дарназардошти шароити таърихӣ ва самтҳои муосири сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Аз ин рӯ, гуногунҷанба будани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро ба эътибор гирифта, муаллиф адабиёти мавҷударо ба таври муайян тақсимбандӣ ва таҳлил намудааст. Дар заминаи таҳлил ва хулосагириҳои адабиёти мавҷуда ва натиҷагириҳои воқеияти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва низоми амалӣ гардонидани он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои хосаеро пешниҳод намудааст.

Замина ва захираҳои асосии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми сиёсию ҳуқуқии кишвар ва санадҳои зиёду мухталифи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, идораи корҳои ин умумияти иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ бо раванду ҳодисаҳои дигари ҷомеа бахшида шудаанд, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ оид ба сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ташкил медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дақиқ будани маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузарондани таҳқиқи диссертатсионӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодот дар асоси муайяннамоиҳои илмии таҳқиқоти назариявӣ манзур шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур махсусиятҳо ва хусусиятҳои ташаккули раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар доираи таҳқиқот асосҳои консептуалию методологӣ, назариявию сиёсии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон таҳлил гардиданд. Бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ҷанбаҳои сиёсӣ, воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардиданд.

Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот аз шаклбандӣ намудани усулҳои сиёсӣ ва маъмурии масъалаи таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, таҳлили намунаҳои кор бо ҷавонон дар макон ва замони мухталиф ҳамчун падидаи хос барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқоисаи намунаи интихоб ва корбарию ҳалли масъалаҳои ҷавонон мақом пайдо намудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили илмии назария ва технологияи сиёсӣ, ки дар таърихи таълимоти сиёсӣ ҷой доранд, муаллиф намунаҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро тақсимбандӣ намудааст. Сабабҳо ва омилҳои тағйирёбӣ ва такмили сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, давраҳои рушд ва таназзули онҳо дар афкори сиёсии ҷаҳонӣ ва дар амалияи идоракунӣ муайян карда шуданд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро ворид намудани мафҳумҳои «вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон», «амнияти ҷавонон ва ҳимояи манфиатҳои онҳо», «технологияи иттилоотии идоракунии равандҳои марбут ба ҷавонон», «легитимияти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон» ва ғайра ба низоми донишҳои муосири сиёсӣ мебошад, ки боиси такмили назарияи сиёсӣ мегарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз ҷанбаи маҷмӯӣ ва самтгирии амалии он, танзими вазифаҳои илмҳои идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии сиёсӣ,

идоракунии давлатӣ, идораи корҳо ва робита бо ҷомеа, ки махсусиятҳои ҷомеаи маданиро ошкор месозад, таркиб ёфтааст.

Нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо ба дарки амиқи зуҳуроти мушаххаси легитимияти самтҳои фаъолияти дастгоҳи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон таъсири мусбат мерасонанд. Онҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи мазкур муфид бошанд ва дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ниҳодҳои дигари идоракунии давлатӣ ҳангоми ташаккули консепсияи соҳавии сиёсат дар бораи ҷавонон истифода шаванд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро асарҳои намояндагони мактабҳои илмии гуногун, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, ИДМ, Иттифоқи Европа, ИМА ва ғайра ташкил медиҳанд. Мактаби илми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон давраи ташаккулро аз бар менамояд. Кори диссертатсионии мазкур низ яке аз кӯшишҳои аввалин дар ин самти таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Плюрализми андешаҳо, мавқеҳо дар масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, роҳу воситаҳои такмили он ва ба амал баровардани ислоҳоти соҳаи мазкур боиси баҳсу талошҳои илмӣ мегарданд.

Сохтор ва мазмуни асосии рисола аз мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот бармеояд. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ дар асоси талабот ва дархостҳои санадҳои меъёрӣ иншо гардида, қоидаҳои тавсифи масъалаҳои ташкили таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ба инобат гирифта шудаанд. Яъне, талаботи низомномавӣ ва дастурамалҳои меъёрии Комиссияи олии

аттетстатсионӣ вобаста ба сохтори диссертатсия ва барасмиятдарории он пурра риоя гардидаанд.

Боби якуми кори диссертатсионӣ - **“Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши сиёсати ҷавонон”** ба таҳлили заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, ҷанбаҳои назариявӣ, тазодҳо ва робитаҳои сиёсат, давлат ва ҷавонон ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ, фаҳмиши шаклӣ ва моҳиятии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон бахшида шудааст. Яъне, дар ин қисмати диссертатсия бештар асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва низоми таҳия ва татбиқи он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи бештарро андешаҳои мактабҳо ва равияҳои гуногуни сиёсӣ, ки дар макон ва замони мухталиф ташаккул ёфтаанд ба худ мекашанд. Бахусус, таълимоти М. Вебер, Ҷ. Спрингхолл. А. Грамши, Парсонс, Ш. Айзенштадт. И.Эшинг, Ф. Денстад К.Гриффин, тарзҳои муносибати психоаналитикӣ, муносибати таркиботию функсионалӣ, муносибати субкултурӣ ва муносибати културологӣ таваҷҷуҳпазир аст.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки назарияи сиёсати соҳавиро дар мавриди ҷавонон ва масъалаҳои мухталифи инкишофи онҳо мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор диҳад.

Дар боби мазкур навъҳо, шаклҳо ва воситаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳамаҷониба омӯхта шудаанд ва дар ин хусус натиҷаҳо ва пешниҳодоти арзишманде ба миён омадаанд.

Боби дуюми таҳқиқот - **“Сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми рушди он”** ба омӯзиши масъалаҳои марҳалаҳои асосӣ ва натиҷагириҳои пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, хусусиятҳои инкишофи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Иттифоқи Советӣ ва таҳлили муқоисавии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар мамлакатҳои гуногун ва натиҷагирӣ аз онҳо

бахшида шуда, муҳаққиқ пайдоиш, ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро таҳқиқ намудааст.

Диссертант диққати асосиро ба омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусиятҳои татбиқи сиёсати ҷавонон дар низоми идораи сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ҷалб намудааст. Инчунин ба масъалаҳо ва дурнамои татбиқи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зарурӣ намуда, муаллиф андешаҳои судман иброз намуда, роҳҳои такмили сиёсати ҷавонон ва умуман ҳалли масъалаҳои соҳаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамзамон дар хулосаи таҳқиқот, муҳаққиқ натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро ба таври мушаххас нишон додааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 1 монографияи илмӣ, 4 мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуданд. Инчунин диссертант доир ба масъалаҳои таҳқиқотӣ дар 4 конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва семинарҳои илмӣ баромад намуда, нуқтаҳои асосии онро мавриди баҳси илмӣ қарор додааст.

Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳиммияти он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешниҳоди андешаҳо, тавсиф ва таҳлили мафҳумии проблемаҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва интишороти ӯ собит мегарданд.

Д.Д. Аҳмадзода аҳамият ва арзишҳои илмию таҳқиқотии мавзуъ, муҳиммияти назариявию методологӣ ва сиёсию амалии асоснок намудани таҳқиқи онро собит намудааст. Баҳсу мубоҳисаҳои илмӣ дар

мавриди масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷавонон, дуруст муайян намудани роҳу воситаҳои амалисозии раванди мазкур ва умуман, ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳои мустақили таҳқиқот, таҳлили мафҳумҳои зиёду мухталиф, категория ва қонуниятҳо, муайян намудани дастгоҳи мафҳумӣ, ки бевосита ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дахл доранд хусусиятҳои асосии кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Муаллиф теъдоди зиёди корҳои таҳқиқотии муаллифони кишварҳои гуногунро гардиши илмӣ додааст, ки масъалаҳои гуногуни сиёсат дар бораи ҷавонон ва масъалаҳои гуногуни ҳаёти онҳоро ҳамчун низоми хосаи инкишофи босуботи ҷомеа ба доираи баҳси илмӣ кашидааст.

Д.Д. Аҳмадзода дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмӣ дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда иброз намудааст. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки муаллиф сатҳи касбияти зарурӣ ва қобилияти таҳқиқоти илмиро пайдо намудааст.

Кори диссертатсионӣ ба таври мантиқӣ таълиф гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд, тавсияҳои муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро касб менамоянд. Онҳоро метавон дар раванди таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва навъҳои дигари сиёсати соҳавӣ ҳам дар шароити Тоҷикистон ва ҳам дар кишварҳои ҳамтои он ба таври васеъ истифода намуд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Д.Д. Аҳмадзода аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлил ва натиҷагириро нишон дода, қобилияти баланде барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро нишон додааст. Кори диссертатсионии ӯ ба таври таҳқиқотию таҳлилӣ ва таснифотӣ иншо шуда, дар он дар асоси андешаҳои муаллиф ҳолатҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ба таври зарурӣ таҳия гардидаанд.

Ҳамин тавр, Д.Д. Аҳмадзода ҳамчун муҳаққиқ дорои дониши қавии сиёсӣ буда, рисолае бо усули хос, методологияи пазируфта ва муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Истифодаи хулосаҳо ва пешниҳодот ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам барои кишварҳои дигар арзишманд буда, дар дарки масъалаҳо ва дарёфти ҳалли онҳо ҷойгоҳи хоса пайдо менамояд.

Кори диссертатсионӣ пажӯҳиши илмии мустақилона мебошад. Он аз рӯи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқ аст. Адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, мазмуну мундариҷаи рисола, методҳои истифодашуда ба ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар пайвасти бевосита қарор доранд.

Кори диссертатсионии Д.Д. Аҳмадзода дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» рӯзмаррагӣ ва навгониҳоро ба таври барҷаста таҷассум намуда, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои сиёсӣ,
профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Г. Н.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон (моб.): (+992) 918 70 89 57;
E-mail: zokirov.1959@mail.ru

Имзои Г. Н. Зокировро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

17.04.2024